**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.**

Таҳқиқи равобити адабӣ миёни Шарқу Ғарб таърихи беш аз садсола дошта, дар ин муддат муваффақиятҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст. Кори диссертатсионии Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» пайвандҳои адабиро дар замони муосир боз ҳам қавитар менамояд. Арзишмандии кори таҳқиқ дар пайвандҳои адабии Шарқу Ғарб, пеш аз ҳама, дар мавҷудияти сарчашмаҳои муштарак, бахусус дар осори нобиғагон ва намояндагони барҷастаи адабиёти ҷаҳон зоҳир мегардад.

Адабиёти ҷаҳон то имрӯз шоҳкорҳоеро пазируфтааст, ки барои ҳалли масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабӣ ҳамчун манбаи зарурӣ низ хидмат намудаанд. Вобаста ба ин, дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ шахсиятҳои барҷастае ба майдони илму фарҳанг ва маданият омаданд, ки новобаста аз ҳудуд ва халқияту миллат барои ҳамешагӣ сутуни устувори тамаддуни башарро гузоштаанд. Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир дар баробари дигар шахсиятҳои бузург ва мутафаккирон бо вижагиҳои шарқиёна ва ғарбиёнаи хос ба тамаддуни башарӣ ҷойгоҳи вижа пайдо карданд. Муштаракот ва умумияти осори арзишманди шоирони давраи Эҳё (*Renaissance Period*) – Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир бо вуҷуди доштани хусусиятҳои хоси шарқию ғарбӣ дар баъзе масоили ахлоқию маънавӣ ва адабӣ андешаҳои муштарак доранд.

Дар баробари таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик, рус ва англис, ҳамчунин диссертант дар рафти таҳлилҳои муқоисавии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир аз мақолаҳои илмии муҳаққиқони эронӣ, ба мисли «A comparative study of taking pride in one's own poetry:

Hafiz and Shakespear»-и Руҳулло Рӯзбеҳ, «Comparative study of theme of love in Sonnets of Shakespear and Hafiz»-и Киян Пишкар, «Ҳофиз ва Шекспир: дидори Шарқ ва Ғарб»-и Зоҳир Заршириёз, «Муштаракоти Шекспир ва Ҳофиз дар мақулаи «ишқ»-и Ҳодӣ Худвор, «Шекспир, Эрон ва Шарқ»-и Сирус Ғанӣ ва дигарон истифода намудааст.

Омӯзиш ва баррасии муқоисавии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро, ки дар натиҷаи пажуҳиши самтҳои мухталифи осори шоирон, тарҷума, таъсирпазирӣ аз назари муқоисавӣ-таърихӣ анҷом шудааст, ҳамчун дастоварди илмӣ на танҳо дар Шарқ, ба мисли Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон ва Афғонистон, балки дар Ғарб, бахусус дар Англия эътибори вижа дорад.

Кори таҳқиқотии Ёрбекова Заррина Мардонқуловна, ки ба омӯзиш ва баррасии таҳлили муқоисавию таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир бахшида шудааст, дар адабиётшиносии муосир мавзуи тоза маҳсуб меёбад. Муҳаққиқ бештар ба мавзуъҳои муштараки ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир, чун ишқу муҳаббат, васфи табиат, инсондӯстӣ, накӯкорӣ ва амсоли инҳо таваҷҷуҳ намудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд:

1. Дар зерфасли дувуми фасли аввали боби севум "Тасвири май дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир" диссертант ба тасвири май дар сонетҳои Вилям Шекспир камтар таваҷҷуҳ намудааст.

2. Дар матни автореферат хатоҳои техникӣ ва услубӣ ба назар расиданд,ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳаммияти диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки кори таҳқиқотии Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ- таърихии

ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқоти мазкур дар адабиётшиносии тоҷик саҳифаи тоза буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёт тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ
ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муҳаммадхоҷа Назар

«Имзои Муҳаммадхоҷа Назарро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 37 221-62-25; факс: 227-15-10,
E-mail: info@tnu.tj

01.07.2026